# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2024. – 185 с.**

Мавзуи зан-модар аз мавзуҳои меҳварии адабиёти муосири тоҷик ба ҳисоб меравад. Модар аз замони пайдоиши адабиёти бадеӣ ҳамеша дар сархати эҷодиёти адабиёти ҷаҳон қарор доштааст. Дар адабиёти классикии тоҷику форс ҳам ҳамин ривол мудом идома пайдо карда, ҳамчунон мавзуи зан-модар дар маркази диққати адибони тоҷик қарор дорад. Сабаби таваҷҷуҳи беандозаи эҷодкорон ба мавзуи зан дар саросари олам бархоста аз мақом ва ҷойгоҳест, ки зан-модар дар зиндагӣ ва сарнавишти башар анҷом медиҳад. Иртиботи як фард ба зан-модар дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад; робитаи отифӣ, ахлоқӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва ҳайсиятӣ.

Мақом ва ҷойгоҳи зан дар таърихи адабиёти тоҷику форс низ вобаста ба ҷаҳонбинӣ ва идеологияи ҳоким дар ҳар давру замон яксон набуда, тағйиру таҳаввул пайдо кардааст. Яке аз хусусиятҳои мақоми иҷтимоии зан-модар дар он зоҳир мегардад, ки ӯ танҳо мавҷуди ҳувиятсоз аст. Ҳар фарде ҳувияти миллӣ ва инсонии худро аз модар ба даст меорад. Муҳимтарин унсури ҳувиятсоз забон аст, ки мо онро бе заҳмати омӯзиш аз модар ёд мегирем. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ занро мазҳари анвори илоҳӣ ва зоянда будани онро ба сифати холиқияти Худованд ташбеҳ мекунад:

Партави Ҳаққ аст он, маъшуқ нест,
Холиқ аст он гӯиё, махлуқ нест.

Бинобар ин омӯзишу таҳқиқи мавзуи мазкур кори саҳлу осон набуда, балки дарки умқи масъалаи ҷойгоҳи зан дар тавони ҳар пажуҳандае нест. Аз ин ҷиҳат диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим ба таҳқиқи масоиле бахшида шудааст, ки воқеан, муҳим ва дархури замон буда, ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

Симои зан-модар ё образи он дар тамоми адабиёти ҷаҳон пешинаи таҳқиқи густардае дорад. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки шеваҳои бархурд ва таҳқиқи мавзуи зан-модар дар назди тамоми муҳаққиқон монандиҳое ба якдигар дорад. Симои зан барҷастатарин образ дар адабиёти ҷаҳон аст. Барои дарки дурусти мавзуъ пажуҳандаро зарур аст, ки байни зан-модар ҳамчун офаринандаи ҳаёт ва зан ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ фарқ

гузорад. Дар адабиёти классикии тоҷику форс низ зан-модар ба ҳамин шакл тасвир ёфтааст. Сарфи назар аз хусусиятҳои хоси миллӣ ва ақидатии қавмҳо дар бораи зан-модар дар умум метавон дидгоҳи онҳоро ба мавзуъ ба ду гурӯҳ тақсим кард; дидгоҳи суннатӣ ва муосир.

Печидагии масъалаи таҳқиқи симои зан-модар дар адабиёти классикӣ ва муосир аз **аҳаммият ва мубрамии мавзуи таҳқиқӣ** гувоҳӣ медиҳад.

Муаллифи диссертатсия сайри таърихии тасвири симои зан-модар дар адабиёти форсӣ-тоҷикиро аз аҳди бостон ва асрҳои миёна ба диққат пайгирӣ карда, ҳамин дугонагиро ҳангоми тасвири зан-модар дар адабиёт ошкор намудааст.: «... Дар тули таърихи беш аз 3000 солаи адабиёти мо образи зан-модар тасвирҳои гуногун дорад. Дар адабиёти асримиёнагии мо бештар маврид зан ба сифати маҳбубаю маъшуқа ва намоду рамзи зебоию дилрабоӣ ба тасвир омадааст. Дар осори баъзе нависандагони асримиёнагӣ, аз ҷумла дар бархе асарҳои насри ривоятӣ занро аз дидгоҳи инсонӣ нигариста, ӯро ба ҳайси соқӣ, мутрибу хунёгар, раққос ва маъшуқаву канизе ба тасвир овардаанд, ки ниёзҳои онҳоро бароварда мегардонад. Ҳамчунин, занситезӣ ва пасту заиф шумоによる дани зан, ки дар ҷомеаи асримиёнагӣ вуҷуд дошт, то андозае дар адабиёти он давр бозтоб ёфтааст» (диссертатсия, с. 3).

Нигоҳ ба зан дар нимаи аввали асри XIX дар Аврупо бино бар вусъат гирифтани ҳаракатҳои инқилобӣ дигаргун шуда, бисьёр ақидаҳои анъанавӣ дар бораи мавқеи зан дар ҷамъият тағйир ёфтанд. Нависандагон ба намояндагӣ аз мактабҳои гуногуни адабӣ роли занро дар ҳаёт ба таври дигар медиданд. Нависандагони тоҷик низ ҳамеша дар эҷодиёти худ ба занон мавқеи махсус медоданд. Албатта, ҳама ӯро ба таври худ медиданд, аммо барои ҳама ӯ як такягоҳ, умед ва объекти таҳсину ҳайрат буд.

Бори аввал масъалаи ироаи тасвири равшан аз зан дар адабиёти тоҷик дар асри XX матраҳ гардид. Пеш аз ин албатта тасвирҳои занона дар осори адабӣ вуҷуд дошт, аммо ба дунёи дарунии онҳо таваҷҷуҳи кофӣ намешуд.

Тасвири симо ва образи зан бо пешрафти адабиёт тағйир кард. Дар мактабҳои мухталифи адабӣ симои зан гуногун буд, аммо бо тавсеаи адабиёт шинохти дунёи зан аз назари равоншинохтӣ амиқтар ва образи ӯ мураккабтар ва тасвири ҷаҳони ботинии он низ печидатар шуд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки унвонҷӯ симои зан-модарро дар намунаи се тан аз шоирони даврони Истиқлол баррасӣ қарор додааст. Зимнан барои равшан шудани мавзуъ дар диссертатсия масъалаҳои ҷойгоҳи зан-модар дар назди ақвоми ориёӣ,

бозтоби он дар осори адабии аҳди бостон ва дар асрҳои миёна низ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Гарчанде аз назари матраҳ кардани масъалаи мақоми зан дар ҷомеа доираи мавзуи диссертатсияи густурда аст, аммо ҳангоми таҳлилу хулосабарорӣ унвонҷӯ на бар факту далел балки бештар ба салиқа ва таваҳҳумоти зеҳнии худ такя намуда, қазоват кардааст.

Дар диссертатсияи номзадии Раҳимӣ Миҷгона дар такя ба консепсияҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни симои зан-модар дар адабиёти аҳди бостон, асрҳои миёна ва даврони Истиқлоли Тоҷикистон матраҳ гардида мавзуъ, ҷаҳонбинӣ ва муносибати ҷомеаҳо ба зан ошкор гардида, баъзе **натиҷаҳои таҳқиқ эътимоднокананд.** Илова бар ин, далелу назарсанҷӣ ва хулосабарориҳои қобили таваҷҷуҳ ба назар расида, ҳаҷми маводи таҳқиқу интишорот дар мавзуи диссертатсия, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва асосҳои назарию методологии кор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқат менамоянд**.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки масъалаи зан-модар дар ҷаҳони муосир на танҳо баҳси илми адабиётшиносӣ, балки баҳси илмҳои мардумшиносӣ, ҷомеашиносӣ, таърихшиносӣ, фарҳангшиносӣ ва илмҳои дигар низ мебошад. Аз сӯйи дигар, шеъри тоҷикӣ дар замони Истиқлол ҳам аз ҷиҳати мавзую муҳтаво ва ҳам аз лиҳози шакл хеле густариш ёфт ва дар баробари он масъалаҳои зиёде ба миён омаданд, ки ҳалли ногузири худро талаб доранд ва яке аз ин масъалаҳо таъини мақоми зан-модар дар ҷомеа ва бозтоби он дар адабиёт мебошад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф зимни таҳқиқи мавзуъ ва масъалаҳои ҳамгуни он ва коргоҳи эҷодии шоирони дигар қобили истифода аст. Аз ин ҷиҳат, диссертатсия ба адабиётшиносону мунаққидон, унвонҷӯён ва магистрантону донишҷӯён ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Раҳимӣ Миҷгона оид ба мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. **Маводи интишоргардида,** ки дар бахши «Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия» оварда шудааст, масъалаҳои асосӣ, хулосаи пажуҳиш дар фаслу бобҳо ва муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз ин нуктаи назар, **саҳми шахсии довталабро** дар ҷараёни

таҳқиқи мавзуъ ва раванди пажуҳиши симои зан-модар дар Тоҷикистон махсус зикр намудан мумкин аст.

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, далелу бурҳоноварӣ ва мубоҳисаю хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи унсурҳое, ки тибқи муқарраароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бахш овардани онҳо зарур аст, ба назар мерасанд ва бо низоми муайян баён ёфтаанд. Довталаби дараҷаи илмӣ дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосиеро ба ҳимоя пешниҳод намудааст**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносӣ, ва дар самти шинохту таҳқиқи мавзуи симои зан-модар дар адабиёт аҳаммияти хоссаи илмӣ доранд.

Боби аввали диссертатсия **«Сайри таърихии тасвири симои зан-модар дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ»** унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Муаллифи диссертатсия дар фасли аввали ин боб дар таҳқиқи масъалаи тасвири симои зан дар устураҳои эронӣ ва адабиёти аҳди бостон кӯшиш ба харҷ дода, ки дар такя ба таҳқиқоти муҳаққиқони устураҳои Эрони бостон мавзуи мавриди назарро равшанӣ андозад. Дар фасли макзур донишҷӯ инсофан заҳмат кашида, бо истинод ба манбаҳои муътамаде, ки дар масъалаи мақоми зан дар Эрони бостон таҳқиқоти арзишманде анҷом додаанд, симои зани ориёиро ба намоиш гузошта, барои исботи фикри худ мисолу далелҳои фаровон зикр кардааст. Унвонҷӯ дар поёни фасл ба ин натиҷа мерасад, ки "Хулоса, баррасии сарчашмаҳои таърихию динӣ, устураҳо ва осори бозмонда аз адабиёти аҳди бостон собит менамоянд, ки зан-модар дар ҷомеа ақвоми ориёӣ мақоми махсус дошта, на танҳо дар корҳои ҷамъиятӣ, балки дар умури динию мазҳабӣ низ иштироки фаъол доштаанд. Дар матнҳои паҳлавӣ ва суғдии бозмонда аз аҳди бостон дар бораи зан-модар сухан рафта, пеш аз ҳама, зебоӣ ва хислати неки онҳо мавриди тасифу ситоиш қарор гирифта, ҳамчун вазифаҳои онҳо дар назди оила таъин шудааст" (диссертатсия, с 29).

Дар фасли дуюми боби якум, ки "Тасвири симои зан-модар дар адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ" номгузорӣ шудааст, унвонҷӯ адабиётро канор гузошта мавзуъро аз диди Қуръону аҳодис мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ҳоле ки дин як бовар аст ва ақидаҳои динӣ бар асоси методҳои илмӣ баррасӣ намешаванд. Вақте ки мо адабиёт мегӯем

манзурамон осори адабиест, ки аз зеҳни башар таровидааст ва мутуни динӣ масъалаи дигарест, ки ҷойи пардохтан ба онҳо дар ин рисола нест.

Нуктаи баҳсбарангезтар ин аст, ки унвонҷӯ гоҳҳо дар симои як муфтӣ фатвои аҷибу ғариб ҳам содир мекунад: “Хулоса, зан аз нигоҳи ислом дар ҳама муомилоти ҳуқуқӣ озодии мутлақ ва сарнавишти яксон бо мард дорад. Бархилофи динҳои дигар, ки занро барои зан буданаш аз мард паст шумоҷридаанд, ҳамеша аз инсонияти ӯ яксон бо мард ба назар мегирад ва ҳама он муқаррароте, ки дар амалҳои неку бад барои мард дар назар гирифтааст, барои зан низ ҳамон аст (диссертатсия, саҳ 36).

Аммо ин ҳукми унвонҷӯ бо насси қуръонӣ дар таззод қарор дорад. Барои мисол аз назари ҳуқуқӣ дар масъалаи интихоби теъдоди ҳамсар ва тақсими меросу пардохти дия тибқи фармудаҳои Қуръон ҳамчунин баробарие вуҷуд надорад. Ба ҷойи ин ҳукми қотеъ, эй кош, унвонҷӯ ба адабиёти асримиёнагӣ таваҷҷуҳ мекард ва шеърҳои Ваҳшии Бофиқӣ ва Абдураҳмон Мушфиқиро ба хотир меовард, ки фармуда:

Ҳамшира, харҷи мотами бобо аз они ту,
Сабр аз ману масоирифи қарро аз они ту.
Аз саҳни хона то ба лаби бом аз они ман,
Аз рӯи бом то ба Сурайё аз они ту.

Аҳаммияти кори илмӣ дар он аст, ки дар пажуҳиш натиҷаҳо бар асоси методҳои илмӣ пас аз муқоисаи факту далел ва бурҳон ҳосил мегардад, на тибқи мурод ва салиқаи пажуҳишгар. Агар қарор бар ин бошад, ки ҳар пажуҳишгаре бар асоси гумон, таваҳҳум ва салиқаи шахсии хеш ҳукм содир намояд, пас сарнавишти илм чӣ хоҳад шуд?

Дар фасли сеюми боби аввали диссертатсия масъалаҳои марбут ба занситезӣ дар ҷомеаи асримиёнагӣ ва бозтоби он дар адабиёти ин давра матраҳ гардидааст, ки мавзуи ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳ аст. Дар ин фасл ҳам унвонҷӯ бидуни таҳлил ва умдатан бо такя ба сарчашмаҳои муҳаққиқони эрони имрӯзӣ менависад: “Дар баробари тавсифу ситоиши зан дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ як ҷараёни занситезию занбадбинӣ ба назар мерасад, ки бархоста аз боварҳои мардумӣ, бардошти нодуруст аз оятҳои Қуръону ҳадисҳои ҷаълӣ ва фарҳангу эътиқодоти берунӣ мебошад. Муҳаққиқон сарчашмаи занситезиро дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз манбаъҳои гуногун донистаанд” (диссертатсия, саҳ 39). Дар ҳамин саҳифа унвонҷӯ мавзуи мақоми зан дар Юнон, Эрони қадим ва арабро матраҳ карда ҳукмҳои зидду нақиз меброрад. Ӯ мегӯяд: “Дар Эрони қадим низ зан аз тамоми ҳуқуқи инсонӣ маҳрум буда, имтиёзе барои ӯ пешбинӣ нашуда буд” (диссертатсия,

саҳ 39). Дар ҳоле, ки ҳукми мазкур бо он чӣ унвонҷӯ дар фасли аввали диссертатсия гирдоварӣ кардааст, дар таззод қарор дошта, гуфтаи фасли пешинаро инкор мекунад.

Дар фасли мазкур унвонҷӯ бо ҳавсала намунаи ашъори занситезона аз адабиёти даврони Сомониён, "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Низомии Ганҷавӣ, Хоқонии Шарвонӣ мисол зада, таҳлилу баррасӣ намудааст. Илова бар ин дар фасли мазкур назариёти ҳакимону донишмандон, аз қабили Унсуралмаъолии Кайковус, Насируддини Тусӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон зикр гардида, аммо дар поён унвонҷӯ ба ҳеч натиҷаи мушаххасе намерасад. Дар фасли зерин ҳам унвонҷӯ мукаррар таъкид мекунад, ки иллати занситезӣ дар асрҳои миёна ҳеч иртиботе ба ислом надошта, балки "руҳониёни замон ба манфиати ҳокимон ва майли рағбати мардон, алалхусус хоҳишҳои нафсонию моддии худашон оятҳои Қуръонро ба манфиати мард таъвил додаанд" (диссертатсия, саҳ 69). Ҷолибтар ин аст, ки унвонҷӯ пас аз овардани даҳҳо мисол дар мавзуи занситезӣ дар адабиёти асрҳои миёна фаслро ин гуна ҷамъбаст менамояд: "Аммо дар умум зан-модар ҷойгоҳи шоиста дар адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ дорад" (диссертатсия, саҳ 69).

Боби дуюм **«Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол»** ном дошта, аз чор фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввал масъалаи масъалаи тасвир ва тавсифи симои зан-модар дар ашъори шоирони муосири тоҷик таҳқиқ гардидааст.

Дар ин фасл унвонҷӯ мавзуро ба дурустӣ матраҳ карда, менависад: "Адабиёти замони Истиқлол, агар аз як сӯ, идомаи бевоситаи адабиёти замони Шуравии тоҷик бошад, аз сӯйи дигар, бо хусусиятҳои хоси худ аз дигар давраҳои адабиёт, аз ҷумла, адабиёти аҳди Шуравӣ фарқ мекунад" (диссертатсия, саҳ 72). Аммо дар фасли мазкур ду масъалаи баҳсбарангез вуҷуд дорад, яке ин ки унвонҷӯ бидуни овардани далели мушаххас мегӯяд, ки дар адабиётшиносии давраи шӯравӣ масъалаи таҳлили ашъор аз "лиҳози ҳунар аз назари муҳаққиқон дур мондааст" (диссертатсия саҳ,76) ва дувум унвонҷӯ дар мавзуи тарки ҳиҷоб дар ибтидои ташкили ҳукумати шуравӣ менависад, ки "Нуктаи ҷолиб он аст, ки дар ашъори устод С.Айнӣ як байте ҳам ба назар намерасад, ки занонро ба тарки ҳиҷоб даъват карда бошад" (диссертатсия, саҳ 79). Дар ҳоле ки ин хулосабарорӣ ҳеч аҳаммияти илмӣ надошта, далолат аз ноогоҳии унвонҷӯ дар бораи осори устод Айнӣ мекунад. Садриддин Айнӣ ҳам дар повету романҳо ва ҳатто ёддоштҳояш қотеаона аз мавзуи озодии занон пуштибонӣ кардааст. Устод Айнӣ дар достони

“Зафарномаи халкҳои Тоҷикистон” дар мавзуи мавриди назар чунин месарояд:

Дар ин мулк аҳволи занг танг буд,
Зан аз зиндагониш дар нанг буд.
Зи тазвири дорову аҳкоми дин,
Ҳаме дар фурӯш омадӣ бо қалин...
Чу аз оташи Инқилоби Кабир,
Шуд ахгар ҷаҳони ситамкеши пир,
Зан аз зери чодар, чу моҳ аз саҳоб,
Дурахшида омад бурун бениқоб.
Бишуд партавафкан дар ин рӯзгор,
Аз ӯ руҳи нав ёфт ин навбаҳор.

(Айнӣ С. Куллиёт. ҷилди 2. Шеърҳо. – Душанбе: “Дониш”, 2020, с 382).

Фасли дуюми ин боб ба тасвири симои зан-модар дар шеъри насли аввали замони Истиқлол (дар заминаи шеъри Раҳмат Назрӣ) таълиф шуда, аз фаслҳои хуби таҳқиқи мазкур ба ҳисоб меравад. Раҳмат Назрӣ дар шеър маҳорати хуби образофарӣ, тасвиркориҳои нозук, корбурди калимаҳои камистеъмол ва пардохтан ба суннату оинҳои миллию маҳаллӣ дорад, ки унвонҷӯ ҳамин хусусиятҳои шоирии ӯро дар ашъори ба зан-модар бахшидаи шоир ошкор кардааст.

Диссертант дар фасли сеюми боби дуюм тасвири симои зан-модар дар шеъри шоирони насли дувуми замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Фарзона) ном дошта, унвонҷӯ мавзуъро дар оинаи шеъри Фарзона мавриди баррасӣ қарор додааст. “Дар шеъри Фарзона симои зан-модари тоҷик, пеш аз ҳама, дар образи қаҳрамони лирикӣ, ки шахсияти худи шоир аст, таҷассум ёфтааст. Ин шахсияти шоир, ё худ қаҳрамони лирикӣ симои зани эҷодкори тоҷик аст, ки фарҳанги бузурги гузаштаи миллатро бо худ дорад ва меросбари воқеии бузургони пешин аст” (диссертатсия саҳ, 116).

Дар фасли чоруми боби дуввум айни ҳамин мавзуъ дар шеъри Озар Салим аз шоирони насли савуми истиқлол таҳлилу баррасӣ гардидааст. Унвонҷӯ дар ин фасл ба дурустӣ зикр менамояд, ки Озар Салим умдатан шеъри суннатӣ мегӯяд, аммо ӯ аз зумраи шоиронест, ки дар қолаби шеъри суннатӣ руҳи нав медамад. “Воқеан, дар қолаби жанрҳои суннатӣ ҷой додани мазмуну ҳодисаҳои замони муосир ва сухани тоза гуфтан аз шоир маҳорати баланд талаб мекунад. Озар Салим дар ин масъала аз шоирони муваффақ аст, ки тавониста дар қолаби анвои адабии суннатӣ сухани рӯзро баён кунад” (диссертатсия, саҳ 143).

Боби сеюми диссертатсия **«Ҷанбаҳои ҳунарии шеъри замони Истиқлол дар тасвири симои зан-модар»** унвон дошта, дар он ҷанбаҳои ҳунарии ашъори ба модар бахшидаи шоирони даврони Истиқлол дар симои шеъри Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор гирифтааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар 17 банд манзур гардида, истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ фарогири нуктаҳои асосии баррасишуда ва натиҷагирӣ аз фаслу бобҳои диссертатсия мебошанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиб дар баъзе фаслҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқи минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Муҳтавои фасли дувуми боби аввали диссертатсия таҳти унвони “Тасвири симои зан-модар дар адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ” бо ҳадафи таъйиншуда таҳқиқоти илмӣ чандон мутобиқат надорад. Унвонҷӯро зарур аст, ки фасли мазкурро бо такя ба манбаъҳои адабӣ дар асрҳои миёна баррасӣ намояд, зеро мутуни динӣ аз адабиёти бадеӣ фарқ дорад.

2. Натиҷагирӣ аз масъалаҳо дар баъзе фаслҳои диссертатсия дар таззоди якдигар қарор гирифтаанд, унвонҷӯ на бар асоси маводи ҷамъоварда, балки бар асоси салиқа ва гумони хеш баъзе фаслҳоро ҷамъбаст менамояд. Илм ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ ин нест, ки ҳар фикру андешае, ки шоирони классик ё муосир баён карда бошанд, ҳамчун назарияи дуруст бипазирему тасдиқ кунем. Бояд дурустии афкори онҳо дар тарозуи ақлу илм санҷида шуда, ба онҳо баҳогузорӣ шавад.

3. Дар матни диссертатсия ашъори шоирон, бахусус шеърҳои Хоқонии Шарвонӣ бо хатоҳои зиёди имлоӣ ва вазнӣ баргардон шудаанд ва унвонҷӯро зарур аст, ки дарояндаи гузинаи дурусти онҳоро бар кор барад.

4. Дар диссертатсия хатоҳои имлоиву техникӣ дар саҳифаҳои (4,8,15,24,26,27,56,58,60,61,62,64,66,74,76,82,92,101,122,135,147,152,154,156) мушоҳида мешавад, ки ислоҳи онҳо ҳусни рисоларо меафзояд.

Эродҳои баёнгардида ислоҳшаванда буда, дар корҳои илмӣ-таҳқиқии баъдӣ ва ҳангоми чопи рисолаи илмӣ ба назар гирифтани онҳо аз аҳаммияти холӣ нахоҳад буд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро

гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Дар ин асос, муаллифи диссертатсияро ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор донистан мумкин аст.

**Муқарризи расмӣ:**

Номзади илми филология, мудири шуъбаи
адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти
ба номи А. Рӯдакии АМИТ Беҳрӯзи Забеҳулло
“02” январи соли 2025

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 21
Телефон: ((+992) 554116868, 937592521
E-mail: bekhruz-68@mail.ru

Имзои Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷаро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти ба
номи А. Рӯдакии АМИТ Ҳилола Нарзиқулова
“02” январи соли 2025

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 21